**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои наклиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Аз мазмуни диссертатсияи Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад бармеояд, ки он як рисолаи илмии дар сатҳи зарурӣ анҷомёфта буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳқиқ гардидааст ва ба яке аз мавзӯъҳои муҳим – «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои наклиёт» бахшида шудааст.

Вуҷуд доштани нуқсонҳо дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои наклиёт, норасоии меъёрҳои ҳавасмандгардонӣ дар қонунгузорӣ нисбати шахси ҷиноят содирнамуда, ки тамоми чораҳои имкониятдоштаро ҷиҳати расонидани ёрӣ ба ҷабрдида дидааст, дар сатҳи қонунгузорӣ мавҷуд набудани мафҳумҳои «идоракунандаи воситаи наклиёт», «вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ», «вайрон кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои наклиёт» ва ба таври гуногун маънидод гардидани мафҳумҳои мазкур дар миёни олимон (С. 4-5) дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ душвориҳоро эҷод намуда, татбиқи меъёрии ҳуқуқии ҷиноятӣ тақризшавандаро мушкил мегардонад.

Гуфтаҳои болозикр шаҳодати мубраммияти мавзӯи таҳқиқот ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ буда, таҳияи пешниҳодҳоеро талаб менамояд, ки ба такмили чораҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ оид ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт равона карда бошад ва имконияти самаранокии ҳимояи ҳуқуқи иштирокчиёни ҳаракат дар роҳро боз ҳам зиёд гардонад. Вобаста ба ин, муайян кардани роҳҳои боз ҳам самарабахши ҳалли проблеммаҳои болотар иброзшуда дар шароити кунунии муосир муҳим арзёбӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, диссертант кӯшидааст, ки ҷиҳати бартараф намудани чунин нуқсонҳо таҳқиқоти диссертатсионии муназзам ва ҳамаҷонибаро вобаста ба рушди қонунгузории миллӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ, тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои объективию субъективӣ, омӯзиши маълумоти омории маъмуриву ҷиноятӣ ва таҷрибаи судиро вобаста ба мавзӯи тақризшаванда гузаронида, пешниҳодҳои қобили таваҷҷӯҳро манзур намояд.

Дар муқаддимаи автореферат, диссертант дар мавриди мубраммияти мавзӯи тақризшаванда, дараҷаи илмии омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳо, навгонӣ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия ва дигар паҳлӯҳои илмӣ таҷдиди назар намудааст (С. 3-15).

Мақсади тадқиқоти диссертатсиониро тавассути омӯзиши комплексӣ муайян намудани камбудиҳо вобаста ба мавзӯи вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ташкил дода, дар заминаи он, коркард ва пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати ҳалли мушкилиҳои дар қонунгузор, назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудбуда яке аз мақсадҳои марказии таҳқиқоти мазкур маҳсуб меёбад (С. 7).

Аз нуқтаи назар, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки ба мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» бахшида шудааст, аз аҳаммияти зиёди

илмию амалӣ бархӯрдор аст. Он гунае, ки аз мутолиаи фишурда (автореферат) возеҳ мегардад, рисола дар сатҳи баланди илмӣ иншо гардидааст, ки воқеан дар дастраси умум қарор гирифтани он амри хеле муфид хоҳад буд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки рисолаи илмии мазкур нахустин тадқиқоти муназзам ва ҳамаҷониба вобаста ба рушди қонунгузории миллӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ, тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои объективию субъективӣ, омӯзиши маълумоти омории маъмуриву ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ вобаста ба мавзӯи номбурда мебошад (С. 8).

Кори илмии пешниҳоднамудаи Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмадро баҳогузорӣ намуда, чунин эродро баён менамоям. Дар боби дуюми диссертатсия муаллиф дар зербоби алоҳида масъалаи тафриқагузории вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиётро бо дигар ҷиноятҳои нақлиётӣ баррасӣ накардааст. Дар баробари ин, эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, дар умум мазмуни автореферати диссертатсияи муҳақиқро коста намегардонад ва баҳои мусбати авторефератро тағйир намедиҳад.

Умуман, таҳқиқоти мазкур дорои навгонии назарраси илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда буда, барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла, илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти хоса доранд ва худи автореферати диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 қабул шудааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар асоси афкори матраҳшуда, метавон иброз дошт, ки таҳқиқоти диссертатсионии Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» бо ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Ёрдамчии прокурори шаҳри Хуҷанд,**
**ҳуқуқшиноси дараҷаи 2,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қурбонзода Б.Ш.**

**Имзои Қурбонзода Б.Ш.-ро тасдиқ мекунам.**
**Иҷрокунандаи вазифаи сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории**
**прокуратураи вилояти Суғд,**
**мушовири адлияи дараҷи 2** **Мирзозода А.М.**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735714**
**Суроға: вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, маҳаллаи 34,**
**Прокуратураи вилояти Суғд**
**Тел. корӣ: (83422) 5-25-26**
**E-mail: prokuratura.sugd@mail.ru**